## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ТАШХИСИ

**шурои диссертатсионии 6D. КОА – 037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.00 -Адабиётшиносӣ ( 10.01.01 Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ). – Хуҷанд, 2022. – 180 с.**

Комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D. КОА – 037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайъати раис Файзуллоев Неъматҷон– доктори илми филология, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, аъзоён Ғаффорова Умеда–доктори илми филология, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, Улмасова Замира–доктори илми филология, узви шурои диссертатсионӣ оид ба қабул намудани диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи **«Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.00. – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Рисола дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Данғара» ба иҷро расида, бо олимону омӯзгорон дар ҷаласаи якҷояи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ва кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (протоколи № 2 аз 9 ноябри соли 2021) муҳокима карда шудааст.

Рисола ба таҳқику баррасии ёддоштҳои Убайд Раҷаб бахшида шудааст. Дар заминаи таҳқиқоти мазкур пажӯҳиши сайри таърихии жанри ёддошт дар адабиёти гузашта ва муосири тоҷик, таснифоти осори мансур ва мавқеи ёддошт дар он, мақоми Убайд Раҷаб дар таҳаввули ин навъи адабӣ, сохтор ва мухтаво, сабки нигориши ёддоштҳои нависанда аз ҷумлаи

масоили меҳварии таҳқиқот ба шумор мераванд. Дар баробари ин, офариниши чеҳраҳои адибони номвари тоҷик Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода як самти муҳими таҳқиқотро ба вуҷуд овардааст, ки ҳосили он дар шинохти саҳифаҳои рӯзгор ва эҷодиёти ин ду шахсияти барҷастаи адабиёт ва фарҳанги миллии тоҷик муҳим мебошанд. Гузашта аз ин, баррасии симои чеҳраҳои дигари адабӣ чун Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Пӯлод Толис, Лоиқ Шералӣ, Наримон Бақозода ва дигарон низ дар маърифати саҳифаҳои нотакрори рӯзгори ин адибон саҳми назаррас доранд. Пажӯҳиши симои адабиву бадеии худи муаллиф дар ёддоштҳои дигарон низ барои дақиқ ва равшан намудани саҳифаҳои рӯзгори ин шоири маҳбуб ва пайвандҳои адабии ӯ бо ҳамзамононаш хидмат хоҳанд намуд.

**Ҳадафи асосии пажуҳиши рисола** дар асоси омӯзиши адабиёти классикии тоҷикӣ-форсӣ баррасии заминаҳои суннатии ёддоштнависӣ аз нигоҳи мазмун, шакл, анъана ва навоварӣ ба шумор меравад. Дар ин замина, мақсади асосии таҳқиқот муайян намудани нақш ва мақоми Убайд Раҷаб дар инкишофи жанри ёддошт ва баррасии сохтор ва муҳтаво, махсусиятҳои сабкӣ ва мавзуӣ, бозтоби симои шахсиятҳои барҷастаи адабӣ ва сиёсӣ, чун Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Олмаҳмад Раҷабов ва дигарон ба шумор меравад.

Диссертатсияи Давлатов У.М. аз муқаддима, се боби дорои 10 фасл, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 180 саҳифаи чопи компютерӣ омода гардидааст.

**Дар муқаддима** мубрамият ва муҳиммияти таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи мавзӯъ дақиқ гардида, ҳадаф, объект ва сарчашмаи он, усулҳо, соҳа ва марҳалаҳои тадқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии он мушаххас гашта, эътимоднокии натиҷа, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарию амалии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва саҳми шахсии диссертант шарҳу баён ёфтаанд.

**Боби аввали рисола** "Жанри ёддошт ва мавқеи он дар насри муосири тоҷик " унвон дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст.

**Фасли аввали ин боб “Таснифоти анвои наср дар адабиёти навини тоҷикӣ” ном дошта,** дар он роҷеъ ба табақанбандии анвои наср дар адабиёти давраи нави тоҷик ва масъалаи муайян намудани вежагиҳои жанрии ёддошт сухан рафтааст. Диссертант таъкид мекунад, ки аз насри классикии форсу тоҷик ба мо осори зиёде мерос мондааст, ки мутобиқи он қиссаҳои ҷангӣ, ҳикояҳои барҷаста, достонҳои бузурги ривоятиву таълифӣ дар давраи нави инкишофи насри бадеии форсӣ ба ҳайси як сарчашмаи муҳим шинохта шудаанд. Тавре маълум гардид, насри ривоятӣ ва таълифии гузаштаро асарҳои бадеии дорои хусусиятҳои ҳамосӣ (эпикӣ), осори пандуҳикматӣ ва мазмуни танқидиву моҳияти равшангароидошта ташкил додаанд. Осори таърихиву ҷуғрофӣ, сафарномаву саёҳатномаҳо ва асарҳои ёддоштиро ба насри бадеии шӯравӣ мансуб донистан аз аҳамият холӣ нест, ки онҳо дорои ҷиҳатҳои бадеӣ низ будаанд. Қазоват бояд кард, ки ибтидои ҳар адабиёти навишторӣ адабиёти шифоҳӣ (омиёна) мебошад.

Дар идома муаллиф қайд мекунад, ки насри муосири тоҷик дар солҳои баъд аз ҷанги ҷаҳонии дувум, махсусан, дар нимаи дуюми солҳои 50-ум вижагиҳои жанрии худро равшан сохт. Ин давра ба солҳое рост омад, ки адабиёти шӯравӣ аз фишори назарияи бидуни зиддият наҷот ёфта, дар рӯҳияи қарорҳои муфиди Анҷумани XX-и ҳизби коммунист (1956) рӯ ба инкишоф овард. Нависандагон ва мунаққидон дар ин солҳо оид ба масъалаҳои асосии адабиёту фарҳанг баҳсҳо оростанд ва ҳадафмандии адабиётро дар ҷомеаи шӯравӣ муайян карданд.

**Фасли дувуми боби аввал** “Жанри ёддошт ва сайри таҳаввули он дар адабиёти форсу тоҷик” ном дорад, ки баррасии таърихии ташаккули ин навъи адабиро фаро мегирад.

Диссертант қайд мекунад, ки пажӯҳиш дар бораи ёддошт ва ёддоштнависӣ мавзуи тозае ба шумор меравад, ки баҳсҳо дар бораи он дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ ҳанӯз ба марҳилаи камолоти хеш нарасидаанд. Аммо бо ин ҳама дар бораи ёддошт таърифҳои бисёре аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи адабиёт ва рӯзноманигорони касбӣ ироа

шудаанд, ки муаллиф ин таърифҳоро дастабандӣ намуда ва хулосаи худро перомуни мавзӯъ баён намудааст.

Ба андешаи Давлатов У. ҳарчанд сафарнома яке аз рукнҳои жанри ёддошт аст, аммо тафовутҳое дар он дида мешавад. Сафарномаҳо иборат аз матолибе дар бораи асли сафар, мутолиоти мусофир ва иттилоот дар бораи зиндагии шахси сафаркунанда аст, ки ёддошти сафар аз ҷумлаи онҳо мебошад. Ба ибораи дигар, сафарномаҳо матолиби дигареро ҳам – ғайр аз ёддошти сафар –шомил мешаванд.

Ба таъкиди диссертант ёддошт вижагиҳое дорад, ки онро аз дигар жанрҳои адабӣ ҷудо мекунад. Ӯ муҳимтарин хусусиёти ин навъ осорро дар ду бахш баррасӣ намудааст, ки дорои вежагиҳои умумӣ ва махсус мебошанд.

Фасли савуми боби аввал «**Суннатгароӣ ва навпардозӣ дар ёддоштнависии муосири тоҷик**" ном дорад. Ба таъкиди диссертант ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик аз устод Айнӣ оғоз гардидааст. Ёддоштҳои устод Айнӣ аз чаҳор ҷилд иборат буда, рӯзгори як давраи томи халқи тоҷикро фаро гирифтааст, ки қаҳрамони асосии асар худи муаллиф мебошад.

Диссертант қайд мекунад, ки ҳарчанд қабл аз Убайд Раҷаб адибони дигар низ ба навиштани ёддошт шуғл варзиданд, аммо вай бо зеҳни халлоқи худ ва бо таъсирпазирӣ аз пешгузаштагон осори гаронарзише ба ёдгор гузошт. Нисбати дигар адибон устод дар навиштани асарҳои ёддоштиаш бештар ба Л.Н. Толстой, Максим Горкий, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ Айнӣ, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Мирсаид Миршакар таваҷҷуҳ доштааст.

**Боби дувуми диссертатсия "Убайд Раҷаб ва идомаи суннатҳои ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик"** ном дошта, аз чор фасл иборат аст. Фасли аввали ин боб **"Сохтор ва мундариҷаи ёддоштҳои Убайд Раҷаб"** ном гирифта, дар он осори ёддоштии нависанда аз назари сохтор ва муҳтаво, мазмуну мундарича ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки Убайд Раҷаб осори ёддоштии хешро, асосан, дар се

китоби хеш “Дӯш будам ҳамнишин”, “Марди майдони талош” ва “Зинда ба ишқ” ҷой додааст. Дар баробари ин, ду қиссаи ёддоштии дигари ӯ, ки яке “Бародархонда” ном дошта, аз рӯзгор ва пайкори шоир Ашӯр Сафар нақл мекунад ва дигаре таҳти унвони “Сабақҳои фаромӯшнашуданӣ” ба айёми фаъолияти хеш дар маҷаллаи “Садои Шарқ” бахшида шуда, дар саҳифаҳои ин нашрия рӯи чоп омадаанд. Асарҳои ёддоштии Убайд Раҷаб аз назари сохтор бештар ба қиссаҳое шабоҳат доранд, ки дар таркиби онҳо ҳикоёти ҷудогонае ҷой гирифтаанд. Ин шеваи нигориши нависанда усули баён ва шеваи иншои қисса андар қиссаи классикиро ба хотир меоварад, ки дар тарҳи тоза эҷод шудааст.

Диссертант дар ин фасли боби дувум ҳамзамон қайд мекунад, ки дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб офариниши симоҳои адабӣ нақши меҳварӣ дорад, зеро нависанда асосан хотираҳои худро дар бораи адибони ҳамнишину ҳамкор ба қалам оварда, ба ин восита саҳифаҳои рӯзгори ононро барои хонандаи хеш манзур кардааст. Ҳангоми мутолеи ин ёддоштҳо хонанда ба лаҳзаҳое аз рӯзгори адибон ошно мешавад, ки онҳо на танҳо барои омӯзиши шарҳиҳоли ин суханварон муҳим мебошанд, балки нақлу ҳикояҳои ҷолибе низ ба шумор мераванд, ки бо сабки хоси адиб иншо гардида, ғояҳои бузурги инсонпарварӣ, фазилатҳои нодири инсониву эҷодии ҳар яке аз онҳоро таҷассум ва тарғиб менамояд. Хонанда бо мутолеаи ин ёддоштҳо сабақи зиндагӣ, дарси одамгарӣ омӯхта, аз рафтору кирдори онҳо барои такмили ҷаҳони маънавии хеш нукоти фаровонеро хоҳанд омӯхт.

Фасли дувуми боби мазкур “**Вижагиҳои сабкӣ ва тарзи баёни адиб**” унвон дошта, таҳқиқу баррасии сабки нигориш ва шеваи баёни Убайд Раҷабро дар асарҳои ёддоштии ӯ фаро мегирад.

Ба таъкиди диссертант забони ёддоштҳои Убайд Раҷаб бисёр рангину мутанаввеъ буда, дар насри муосири тоҷик намунаи барҷаста ва хоси худи ӯ ба ҳисоб меравад. Он забоне саршор аз тасвир, нигоштаҳои таҷассумгарди баёноти ҷузъӣ ва маҳсули таҷрибаҳои инсонӣ мебошад. Адиб забони соддаеро интихоб намуда, то дардҳои мардумро воқеӣ баён

намояд. Убайд Раҷаб бо нигоҳи дақиқ ба забони гуфтугӯйӣ тавонист хусусиятҳои онро дарёбад ва ба он ҳаёти нав бахшад. Осори вай бо баҳрагирӣ аз забони омиёна, ки иборат аз зарбулмасал, ҳазлу мутоиба ва ғайраҳо мебошанд, шеваи нигориши худро ҷолиб гардонидааст.

Ба ишорати муҳаққиқ ёддоштҳои Убайд Раҷаб бо забони содаву фаҳмо ва дур аз итноб таълиф гардидааст. Ҳамчунон, дар лобалои ёддоштҳояш вижагӣ ва унсурҳои сабки хуросонӣ, ки дар осори мансури мутақаддимон истифода шудаанд, баръало эҳсос мегарданд.

**Фасли савуми боби дувум «Садриддин Айнӣ дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб”** унвон дошта, дар он хотираҳои ин адиб роҷеъ ба бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Диссертант қайд мекунад, ки дар китоби “Дӯш будам ҳамнафас» чор лаҳзаи мулоқот ва шиносоиву суҳбати шоир бо устод Айнӣ тасвир шудааст, ки хотироти мазкур аз арзиш ва аҳамияти адабӣ бархурдоранд. Навбати аввал ҳолатест,ки адиб ҳанӯз хонандаи мактаб аст ва бо кӯшиши муаллими хеш тасодуфан ба суҳбати устод Айнӣ мушарраф мешавад ва он нуктаҳои муҳими адабӣ, аз ҷумла масъалаи таваҷҷуҳи устоди адибони муосир ба масъалаи дақиқ намудани қабри устод Рӯдакӣ равшан мешавад. Мулоқоти дувум пас аз даҳ сол иттифоқ меафтад, ки он дар арафаи интихобот сурат мегирад, ки муаллиф хатмкунандаи омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент буда, аз дарсҳои маънавии устод Айнӣ ҳангоми вохӯрӣ бо интихобкунандагон бархурдор гардидааст. Ду дидори дигар, яке бахшида ба 75 солагии устод Айнӣ ва ниҳоят дар рӯзи вафоти эшон сурат гирифтааст. Аз маҷмӯи ёддоштҳои Убайд Раҷаб бармеояд, ки мавсуф бо шеваи хоси нигориши хеш ёддоштҳои худро дар бораи Садриддин Айнӣ иншо намуда, нуктаҳои муҳими шахсият ва рӯзгори адибро равшан гардонидааст.

**Фасли чоруми боби дувум «Тасвири шахси воқеӣ дар повести “Марди майдони талош”** ном дошта, дар он роҷеъ ба ҳунари нависандагии Убайд Раҷаб дар ҷараёни офариниши чеҳраҳои воқеӣ ва тасвири шахсони реалӣ изҳори назар шудааст.

Муаллиф таъкид мекунад, ки дар китоби "Марди майдони талош" номаи зиндагии як тан "родмарди карими бехалал", подполковники мустаъфии хадамоти умури дохила Олмуҳаммади Раҷаб, дар асл, ҳиссае аз воқеоти сӣ соли ҳаёти милисаи Тоҷикистон нақл шудааст. Ин шахсияте буд, ки бо Убайд Раҷаб алоқаи бародарӣ ва омадурафти хонаводагӣ доштаанд. Аз ин лиҳоз, санаду воқеаҳо барои ӯ шинос буданд.Китоби "Марди майдони талош", зоҳиран, ёдномаест аз далелу санадҳои таърихӣ, ёдкарди Олмуҳаммади Раҷабу дӯстонаш дар асоси ҳуҷҷатҳо иншо гардидааст, ки ин шеваи баён вежагиҳои насри мустанадро ба таври барҷаста дар забони асари мазкур бозтоб бахшидааст.

Бино ба таъкиди диссертант адиб дар офаридани қаҳрамонҳои асараш маҳорати шоёне аз худ зоҳир кардааст. Корномаи Олмуҳаммади Раҷаб иддаои моро тасдиқ мекунад. Убайд Раҷаб дар симои ин қаҳрамони асар як шахси ватандӯсту меҳанпарстро, ки ҳамеша барои ҳифзи марзу буми кишвар содиқ буда, пайгирон мубориз мебурд, тасвир менамояд. Бо ин тариқ, адиб мухотабонро ба ваҳдату ягонагӣ ва адолатпарастӣ даъват мекунад.

**Боби савуми диссертатсия " Симои аҳли адаб дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб ва тасвири чеҳраи муаллиф дар хотироти ҳамқаламон"** унвон дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Фасли аввали ин боб, **"Бозтоби чеҳраи воқеӣ ва адабии Мирзо Турсунзода дар китоби «Зинда ба ишқ»** ном дорад, ки ба таҳқиқи нақши нависанда дар офариниши чеҳраи ин шоири номвар ба шеваи ёддоштнависӣ ихтисос ёфтааст.

Диссертант аз ҷумла қайд мекунад, ки Убайд Раҷаб дар бораи устод Мирзо Турсунзода хотироти хеле зиёд дорад,ки зимнан вобаста ба нақли онҳо рӯйдодҳои нодири адабӣ низ баён мешаванд. Убайд Раҷаб 17 сол дар паҳлуи устод фаъолият намуда, зимни сафарҳои корӣ бисёр пастию баландиро аз эшон омӯхтааст, ки ин дар китоби «Зинда ба ишқ» басо воқеъбинона инъикос ёфтааст.

Фасли дувуми боби савум "**Симои адибони тоҷик дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб" унвон дорад. Ба таъкиди диссертант** Убайд Раҷаб ёдномаҳои

хотирмони хешро дар китоби “Дӯш будам ҳамнишин” дар бораи устодони каломи бадеъ ба монанди Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Пӯлод Толис, Ҷумъа Одина, Ҳабибулло Назаров ва Лоик Шералӣ ба калам додааст. Ҳар яке аз ин ёддоштҳои нависанда, ки дар умум дар бораи беш аз 10 нафар адибони ҳамзамон ва ҳамкори ӯ навишта шудаанд, барои шинохти симои ҳар яке аз ин адибон, маърифати рӯзгору лаҳзаҳои нотакрори зиндагонии онҳо, замина ва сабабҳои эҷоди ашъору осори мансури эшон муҳим ва қобили аҳамият мебошанд.

**Фасли савуми боби савуми диссертатсия “Чеҳраи Убайд Раҷаб дар ёддоштҳои аҳли илму адаб”** ном дошта, ба ҷойгоҳи адиб дар ёддоштҳои ҳамзамонони хеш бахшида шудааст.

Ба таъкиди диссертант дар китоби “То ҳаст оламе, то ҳаст одаме” ёддоштҳои зиёде аз ҷониби адибон, олимон, омӯзгорон дар бораи устод Убайд Раҷаб ҷамъоварӣ ва нашр гардидаанд, ки ҳар яке аз онҳо дар шинохти зиндагӣ ва эҷодиёти адиб нақши муҳим доранд. Ба таъбири дигар, Убайд Раҷаб ба унвони чеҳраи марказии ҳар яке аз ин осори ёддоштӣ қарор гирифтааст. Дар умум, дар ин фасли диссертатсия ёддоштҳои адибоне чун Меҳмон Бахтӣ, Ашӯр Сафар, Муҳаммад Ғоиб, Ҳизбуллои Ашӯр, Ғулом Ҳусайни Юсуфӣ, Гулназар Келдӣ, Ҷонон Икромӣ, Фаррухи Ҳусейн, Раҷабалии Худоёрзода, Азизи Азиз, Абдусаттори Раҳмон, Софияи Носир, Аброри Зоҳир, Маҷид Салим, Ибод Файзулло, Карим Мӯсо, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Бӯстон Шукурӣ ва чанде дигарон аз шумори онҳоянд, ки симои **Убайд Раҷаб ба ҳайси чеҳраи марказии ёддоштҳои онҳо тасвир ёфтааст.**

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқи масоили меҳварии пажӯҳиш ба даст омада, дар 15 банд оварда шудаанд. Аз хулосаҳои диссертант равшан мегардад, ки ӯ шурӯъ аз ҷойгоҳи ёддошт дар миёни анвоъи дигари осори насрӣ то мақоми Убайд Раҷаб дар таҳаввули ин навъи адабӣ масоили фаровонеро дар рисолаи хеш баррасӣ ва таҳқиқ намудааст. Пешниҳоди қобили таваҷҷуҳи диссертант шоистаи дастгирист, ки на ҳамаи осори ёддоштии ӯ ба се китоби асосии вай ҷой гирифтаанд ва

бояд дар оянда силсилаи ёддоштҳои вай бо назардошти ворид намудани навиштаҳои муаллиф, ки дар “Садои Шарқ” чоп шудаанд, таҷдиди чоп шавад.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро равшан ифода менамоянд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар расиданд. Аз ҷумла, ҳарчанд дар диссертатсия ишорат рафтааст, вале мақолаҳои марбут ба нақди адабиёти кӯдаконаи адиб ҳам агар баррасӣ мешуданд, арзиши рисола боз ҳам меафзуд. Ҷамъбаст ва натиҷагирии фаслҳо дар охири ҳар боб мувофиқи мақсад мебошад.

Қайду эродҳои зикршуда арзиш ва аҳамияти диссертатсияро поин намебаранд ва онҳоро муаллиф метавонад дар кутоҳтарин фурсат ислоҳ намояд.

Дар маҷмуъ, метавон хулоса кард, ки мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба шиносномаи ихтисоси Шурои дифои барои ҳимоя пешниҳодшуда мувофиқ буда, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таври мукаммал дар 10 мақолаи илмӣ ( аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) нашр ёфтааст, ҳамчунин дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва вилоятиву донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Кори диссертатсионии Давлатов Умаралӣ Мироалиевич дар мавзуи **«Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик”** кори анҷомёфта буда, аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво, нававарии таҳқиқ ва аҳаммияти илмиву амалиаш ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди диссертатсияҳои номзадӣ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ метавон пешниҳод намуд.

1. Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Муқарризи расмии аввал** – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Салихов Шамсиддин Аслиддинович:

**Муқарризи расмии дуюм** – номзади илми филология, муаллими калони кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович**

**Муассисаи тақриздиҳанда** –Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

2. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

3. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илми филология, профессор,**
**узви шурои диссертатсионӣ** **Файзуллоев .Н.**

**Аъзои комиссияи ташхис:**
**доктори илми филология, профессор,**
**узви шурои диссертатсионӣ** **Ғаффорова У.**

**доктори илми филология,**
**узви шурои диссертатсионӣ** **Улмасова З. Ҳ.**

**«22.02. 2022»**